**«Тасдиқ менамоям»**
Ректори Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
Усмонзода Хайридин Усмон

«____»____________ 2019с.

# ТАҚРИЗ

**Муассисаи пешбар ба диссертатсияи Тошхоҷаева Сурайё Акрамҷоновна дар мавзӯи «Методҳои такмили мазмуни таълими фанни технология дар асоси корбасти гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогика аз рӯйи ихтисоси 13.00.02-Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (технология) (таълими меҳнат) (илмҳои педагогӣ).**

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот**. Муҳимияти мавзӯи тадқиқот дарёфти сарчашмаҳои ороишоти гулдӯзии миллии тоҷикӣ, муайян кардани сабабҳои маъруфияти чандинасраи он ва огоҳии комил пайдо намудан аз ҷаҳони эҷодии ҳунармандони халқи тоҷик арзёбӣ мегардад. Дар замони Истиқлолияти Ҷумҳурӣ зарурат ва аҳамияти рӯй овардан ба манбаъҳои муҳими миллӣ дарк гардид.

Мусаллам аст, ки анъанаҳои миллии тоҷикон таърихи қадима дошта, ҳанӯз ҳазорҳо сол қабл пайдо шудаанд. Мутаассифона, дар замони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ осори бисёре аз ҳунармандони мардумӣ таназзул ёфта, имрӯзҳо дар ҷумҳурӣ эҳёи талафот шуруъ шудааст. Ин эҳё дар якчанд самтҳо сурат мегирад: маориф, таърихӣ, бостоншиносӣ (археологӣ), санъатшиносӣ, фарҳанг ва ғайра.

Дар марҳилаи кунунии рушд масъалаи барқарорсозии анъанаҳои санъат ва фарҳанг, тақвият додани худшиносии миллӣ, хусусан, муҳим аст. Халқи тоҷик, ки яке аз халқҳои қадимтарини ҷаҳон маҳсуб меёбад, дар таърихи тӯлонии хеш ҳуҷуми зиёди ҷангҷӯёну тороҷгаронро аз сар гузаронидааст. Дар натиҷа, ёдгориҳои таърихии халқи меҳнатдӯст ва эҷодкору боистеъдод несту нобуд гаштанд.

Бо вуҷуди ин, хушбахтона, комилан ҳамаи онҳо аз даст нарафтаанд. Қисме аз осори табоҳшударо мардум барқарор карда, қисмеро аз ғоратгарон

пинҳон карда буданд ва ашёе, ки барои ворисон нигаҳдорӣ мешуданд, сарвати таърихӣ ва фарҳангии кишвар мебошанд.

Имрӯз дар назди ҷомеаи мо вазифаи муҳими давлатӣ - эҳёи мероси азбайнрафтаи эҷодӣ меистад. Илова бар ҷавобгарии имрӯза ва ояндаи кишвар, барои истиқлолият ва амният, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва бунёди давлатдорӣ дар назди маорифи ҷумҳурӣ вазифаи хеле муҳим, яъне таълиму тарбияи насли наврас дар рӯҳияи анъанаҳои миллӣ ва идроки масъулият барои ояндаи кишвар қарор дорад.

Санъати халқии Тоҷикистон аз аҷдодони хеш мероси хеле бою ғаниро соҳиб гаштааст, ки дар тӯли асрҳо бунёд ёфта, анъанаҳои миллӣ ва завқу маҳорати нотакрори ҳунармандони қадимро маҳфуз доштаанд. Ин мавзӯи омӯзиши муҳаққиқон дар замони муосир буда, барои аз худ намудани роҳу усулҳои истеҳсоли ин навъ шоҳкориҳо имкон фароҳам меорад.

Барои насли муосири тоҷик ҷойи ифтихор дорад, ки халқ дар шакли аслӣ анъанаҳои меъмориро, ки ба тарзҳои мухталиф, аз ҷумла, ҳунарҳои хиштчинии декоративӣ, кандакории гаҷӣ, ҳаккокӣ, минокорӣ ва шабакакорӣ ороста шудаанд, то имрӯз ҳифзу нигаҳдорӣ намудааст.

Дар Тоҷикистон ҳанӯз дар давраи пешазисломӣ, баъзе ҳатто дар замони пеш аз милод истеҳсоли либосҳои хушобуранг бо ороишоти гуногун, асбобҳои мунаққаши сафолӣ, хотамкорӣ аз навъҳои гуногуни филиз ва монанди инҳо ташаккул ёфта буд. Санъати ҳар як халқ вижагиҳои худро дорад, ки ба хусусиятҳои миллии халқ алоқаманд аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пажӯҳиши комиле оид ба истифодаи гулдӯзии ороишии халқии тоҷикӣ бо мақсади баланд бардоштани фарҳанги зебоипарастии толибилмон анҷом дода нашудааст.

Аз ин ҷо, зарурати интихоби мавзӯи методҳои такмили мазмуни таълими фанни технология дар асоси корбасти гулдӯзии ороишии миллии тоҷикӣ ба миён омад, ки масоили ҷойдошта дар муқоиса бо талаботи ҷомеа, таъсири омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ оид ба нигаҳдорӣ ва рушди гулдӯзии ороишии миллӣ ва тарбияи он дар амалия таҳлилу баррасӣ гардидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми рисола**. Рисола аз муқаддима, ду фасли матни асосӣ, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда мундариҷаи рисола дар 155 саҳифаи компютерӣ, 1 ҷадвал ва замима фароҳам омадааст. Рӯйхати сарчашмаҳо иборат аз 142 номгӯй мебошад.

Дар муқаддима муҳимияти мавзуъ, дараҷаи коркарди мавзӯи тадқиқот, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, навовариҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқ, асоснокӣ ва эътимоднокии тадқиқот, натиҷа ва муқаррароти асосии дифоъшаванда қайд карда шудаанд.

**Боби якум** «*Заминаи таърихи пайдоиши гулдӯзии ороишӣ- миллии тоҷикӣ ва таъсири он ба ташаккули ҳусниёти (маърифатии зебоишиносии) хонандагон»* унвон дошта, аз се фасл иборат аст.

Дар фасли якум заминаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии рушди гулдӯзии ороишии миллии тоҷикӣ баррасӣ ва таҳлили мухтасари ташаккули гулдӯзии ороишии миллии тоҷикӣ пешниҳод гаштааст.

Дар замони муосир, ки бо таҳаввулоти сохти давлатдорӣ равандҳои демократӣ дар ҷомеа қабул гашта, ҳокимияти мустаҳкам ва мустақилияти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият меёбад, барои ҷомеа дарки арзишҳои инсонӣ ва худшиносии миллӣ, аслу моҳияти миллии халқ, шарту шароитҳои нигоҳ доштани мероси фарҳангиву таърихӣ ва эҳёи маънавиёту моддиёти аздастрафта хеле муҳим маҳсуб меёбад.

Дар асоси ин, фаъолияти системаи маорифи ҷумҳурӣ бояд ба истифодаи мероси таърихиву фарҳангии аҷдодон дар раванди таълим, ошкор намудани анъанаҳои маънавӣ ва бадеии халқ, омӯзиши санъати воқеии мардумӣ ва ҷустуҷӯи робитаи мероси байни наслҳо равона карда шавад.

Дар айни замон, ҳунари минтақаҳои мухталиф таҳти таъсири мутақобила инкишоф ёфтааст. Масалан сӯзанидӯзӣ, ки ҳамчун як навъи гулдӯзӣ дар саросари Тоҷикистон маъруф аст.

Сӯзанидӯзӣ навъи аз ҷиҳати ҳаҷму андоза калони кашидадӯзӣ буда, аз ҷиҳати бадеият на камтар аз қолинҳо аст. Онро дар матои абрешимӣ, сатин, барқут (бархат) бо астар ва ҳошия аз матои сиёҳ ё шероза медӯзанд.

Муаллиф дар асоси таҳлили манбаъҳои маъруфи илмӣ нишон медиҳад, ки тарбия ҳамчун усули педагогӣ бо мазмуни осори педагогикаи халқӣ, фолклори халқӣ: зарбулмасалу мақолҳо, афсонаву ҳикояҳо ва санъати амалӣ-халқӣ алоқаманд аст. Омилҳои асосии педагогикаи халқӣ, яъне тарбияи мардумӣ, бозӣ, муошират, фаъолият, муносибат, анъана, маишат, санъат ва ҳунарҳои бадеии мардумӣ мебошад, ки истифдаи онҳо дар раванди таълими фанни технология ба ташаккули завқи бадеии насли наврас мусоидати фаъол менамояд.

**Дар боби дуюм** “*Роҳу усулҳо ва шаклҳои корбасти гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ дар тарбияи маърифати зебоипарастии хонандагон*” – асосҳои педагогии ташаккули шахсият ва маърифати бадеӣ-эстетикии муҳассилин тавассути гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ, роҳҳо ва усулҳои баланд бардоштани қобилияти озодии хонандагон тавассути гулдӯзии ороишӣ, тайёрии омӯзгорон ба тарбияи зебоипарастии хонандагон дар асоси анъанаҳои гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ барои баланд бардоштани қобилияти эҷодии хонандагон тавассути гулдӯзии ороишӣ, таҳлили натиҷаҳои корҳои тадқиқотӣ дар такмили мазмуни таълими

фанни технология дар асоси корбасти гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ баррасӣ гаштаанд.

Солҳои охир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Тоҷикистон, асосан, ба тарбияи зеҳнӣ ва ҷисмонӣ таваҷҷӯҳ бештар зоҳир гашта, зарурати тағйир додани муносибат ба ташкили раванди таълими бачагон ва дар самти тарбияи зебоипарастӣ ба фаъолияти педагогӣ ҳамчун воситаи муҳимтарини фарогирии муносибатҳои наврасон ба воқеият, воситаҳои ахлоқӣ ва зеҳнии тарбия, ба ибораи дигар, ба воситаҳои ташаккули шахсияти ҳамаҷониба рушдёфта ва рӯҳан комил, камтар диққат дода мешуд.

Муаллифи рисола дуруст таъкид мекунад, ки эҳсоси тамоми зебоиҳои ҷаҳон, дарки ҳисси одам, ашё ва чизҳо ба кӯдак ҳолати махсуси ҳиссиву равонӣ бахшида, боиси таваҷҷӯҳи воқеӣ ба ҳаёт, афзудани шавқи донишандӯзӣ, инкишоф додани фикр, хотира, ирода ва дигар равандҳои рӯҳӣ мегардад. Вазифаи тарбияи зебоипарастӣ дар ҳамин зуҳур намуда, ба кӯдакон дарк ва эҳсоси зебоии гирду атрофро меомӯзонад.

Дар илм тарбияи зебоипарастӣ ҳамчун ҳадафи мақсаднок дар ташаккули шахсият бо муносибати зебоипарастона ба ҳақиқат муайян карда шудааст. Гулдӯзӣ нисбат ба намудҳои дигари эҷодиёти халқӣ дар ҳалли вазифаҳои тарбияи зебоипарастӣ имконияти бештар дорад. Илова ба ин санъати гулдӯзӣ табиатан хоси фаъолияти хонаводагӣ ба шумор рафта, либос ва таҷҳизоти рӯзгорро муайян менамояд. Ороиши шоҳонаи асбоби маишии мардум ба он таъсир расонидааст, ки дар давоми садаҳои зиёд халқ танҳо як навъи ашёи гулдӯзии анъанавиро бо тағйироти ҷузъӣ ва бо таъсири мӯд тайёр намояд.

Дар рисола дуруст таъкид мешавад, ки халқ нисбат ба маҳсулоти рангоранги дӯзандагӣ ҳамчун намунаи воқеии санъати ороишӣ бо эҳтироми тамом муносибат мекунад. Ин навъи ашё ба инсон солҳои зиёд хизмат расонида, аз насл ба насл ҳамчун мерос интиқол дода мешавад.

Санъати гулдӯзӣ фарогири аксари навъҳои эҷодиёти халқии тоҷикон буда, ғайр аз он, хусусиятҳои хоси тарроҳӣ ва усулҳои дӯхти худро дорад, ки аз ҷониби наслҳои зиёди ҳунармандон таҳия гаштааст. Дар тӯли садсолаҳо то замони муосир ҳамоҳангии аҷибе аз лиҳози мазмун, шакли ороиш ва воситаҳои тасвири он ҳосил шудааст, ки мо дар корҳои беҳтарини таҳияшуда метавонем мушоҳида намоем ва онро дар раванди корҳои таълимию тарбиявӣ мавриди истифода қарор бидиҳем.

Бояд зикр кард, ки асосҳои методологии тадқиқотро пажӯҳишот ва ғояҳои классикон, файласуфони замони муосир, педагог-равоншиносони соҳаи этнопедагогӣ, инчунин олимони соҳаи мардумшиносӣ, санъатшиносӣ,

тадқиқотҳои олимони классикии педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ оид ба тарбияи зебоипарастӣ ва меҳнатӣ ташкил медиҳад, ки комилан дуруст аст.

Принсипҳое, ки ба он тадкиқот асос ёфтааст - объективӣ, мутобиқшавӣ, ҳамбастагии усулҳои тадқиқотӣ ва созандагӣ ба асоси методологии тадқиқот пурра мутобиқат менамоянд. Инчунин, барои ҳалли вазифаҳо методҳои тадқиқотии мутобиқ ба мавзӯъ истифода шудаанд. Аппарати илмӣ ба талабот ҷавобгӯ аст.

Навгонии илмии тадқиқот дар он зоҳир гаштааст, ки зарурати омӯхтани фанни технология дар асоси гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок гашта, роҳу усулҳои корбасти гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ (сӯзанидӯзӣ) мавриди тадқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Муҳимияти илмию амалии мавзуъ аз баррасӣ ва таҳлили моҳияти тарбияи хонандагон ва хусусиятҳои усули таълими гулдӯзии ороишии миллии тоҷикӣ дар заминаи педагогикаи халқӣ (дар асоси сӯзанидӯзӣ) иборат буда, системаи усулҳои рушд, роҳҳои баланд бардоштани раванди омӯзиш дар рафти ташаккули шахсият тавассути гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидаанд.

Аҳамияти амалии тадқиқот дар он аст, ки роҳу усулҳо, тарз ва методҳои инкишофи эстетикии шахсият ба воситаи гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ дар раванди тадриси фанни технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва манзур карда шудаанд.

Дар хотимаи тадқиқот С.А.Тошхоҷаева собит месозад, ки гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ имкон дорад ба омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ, ба монанди: сиёсати давлатии иҷтимоӣ, анъанаҳои миллӣ, педагогикаи халқӣ, маърифати бадеӣ ва маънавиву ахлоқии насли наврас дар муассисаҳои иҷтимоиву фарҳангӣ ва инчунин муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таъсири пурсамар дошта бошад, агар системаҳои махсуси таълимӣ-методӣ барои амалӣ гаштани ин мақсад истифода шаванд.

Роҳҳо ва усулҳои такмили мазмуни таълими фанни технологияро, ки дар асоси корбасти гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ аз ҷониби муаллиф пешниҳод карда мешаванд, чунинанд:

- муайян намудани мақсад, ҳадафҳо ва мазмуни омӯзиши гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ;

- ошкор сохтани принсипҳо, шаклҳо, усулҳо, равишҳои методӣ;

- таъмини маводи таълимӣ, тарбиявӣ ва равандҳои инкишофдиҳанда (тахтаҳои электронии интерактивӣ, воситаҳои аёнӣ ва ғайра);

- таъмини робита байни наслҳо бо мақсади интиқоли таҷрибаи ҳунармандони касбӣ дар соҳаи гулдӯзии ороишии миллии тоҷикӣ ба ҷавонон: ҷонибдории эҷодкоронаи ин раванди омӯзиш барои аз худ кардан,

нигаҳдорӣ ва афзоиши арзишҳои фарҳангӣ, муносибати эҳтиёткорона ба санъати миллӣ ва мероси анъанавӣ вазифадор ҳастанд;

- ташаккули малакаҳои гулдӯзӣ дар марҳилаи ибтидоии омӯзиши гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ дар раванди машқу тамрин бо истифода аз усулҳои методологӣ, ки ба такмили фаъолият ва ҷузъиёти онҳо нигаронида шудаанд;

- амалӣ намудани тарбияи шахсият ва субъектҳои иҷтимоӣ дар раванди таълим дар асоси ташаккулдиҳии умумифарҳангӣ, арзишҳои эстетикӣ, меҳнатӣ, оилавӣ, зебоипарастӣ, бо истифода аз принсипҳои тарбияи ахлоқӣ ва меҳнатдӯстӣ;

- истифодаи восита ва технологияҳои замонавии психологию педагогӣ бо риояи баробарии гендерӣ дар тарбияи эстетикии духтарони ҷавон тавассути ҳунари гулдӯзӣ;

- таҳия ва таъмини раванди таълими фанни технология бо комплекси таълимӣ-методие, ки ба тарбияи эстетикӣ ва омӯзиши амалии духтарони наврас, ташкили меҳнат, хислатҳои ахлоқӣ ва ватанпарварӣ, равона шуда бошанд.

Хулосаҳои назариявию таклиф ва пешниҳодҳои Тошхоҷаева С. А. аз мундариҷаи умумии рисолаи номзадӣ бармеояд ва автореферат мундариҷаи умумии рисолаи номзадиро инъикос менамояд.

Аз тарафи диссертант Тошхоҷаева С. А. он натиҷаҳое, ки дар раванди таҳқиқот соҳиб шуда буд, дар 12 адад корҳои илмиаш, аз ҷумла: 5 мақолаҳои илмии дар нашрияҳои бонуфузи тақризии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6 мақола дар конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва 1 мақола дар конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ ва 3 дастури таълимӣ инъикос ёфтааст.

Диссертатсияи номзадии Тошхоҷаева Сурайё Акрамҷоновна дар мавзӯи «Методҳои такмили мазмуни таълими фанни технология дар асоси корбасти гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ» мустақилона анҷом дода шуда, ба назария ва услубҳои омӯзишу парвариш дар заминаи анъанаҳои миллии бадеии мардуми тоҷик як навгоние ҷорӣ карда метавонад.

**Хулоса**. Диссертатсия бо талаботи банди 44 - и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳоест, ки ба ҳалли масъалаҳои мубрами педагогика нигаронида шудааст.

Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии мантиқии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуқтаҳои навини илмии

барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзӯъ ва мазмуни тадқиқот бо шиносномаи тахассусӣ аз рӯйи ихтисосӣ 13.00.02 - Назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (технология) (таълими меҳнат)) (илмҳои педагогӣ), ки аз рӯи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон тадқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвони илмӣ дода мешаванд, мувофиқат мекунад.
Саҳми шахсии унвонҷуй дар тадқиқ ва ба даст овардани натиҷаҳо дар навъҳои гуногуни фаъолият: илмӣ, педагогӣ, ташкилӣ ва методӣ зоҳир гардидааст.

Натиҷаҳои ҳосилшуда, ки дар хулосаҳои ҷамъбастии диссертатсия ифода ёфтаанд, фарзияи тадқиқро тасдиқ менамоянд ва ҳаллу фасли доираи масъалаҳои онро собит месозанд.

Автореферат дар мутобиқат бо мантиқи тадқиқ таҳия гардида, муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамояд. Натиҷаҳои илмие, ки унвонҷӯй ба даст овардааст, ба ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (технология) (таълими меҳнат) (илмҳои педагогӣ), мувофиқанд.

Дар тадқиқоти диссертатсионии Тошхоҷаева С.А. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровара шудаанд, ки аз риоя шудани банди 109 – и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳод намудаи Тошхоҷаева С.А. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯй ба чоп расонида шуда, мавҷуд намебошанд.

Ҳангоми баррасии диссертатсия дар баробари муваффакиятҳои назаррас баъзе аз нуктаҳои баҳсталаб назаррасанд, ки таъкид ва ислоҳи он боис ба баланд шудани сатҳ ва дараҷаи тадқиқоти оянда мегардад:

1.Дардиссертатсия ва автореферати он аз тарафи диссертант баъзан ба хатогиҳои услубӣ ва имловӣ роҳ дода шудааст;

2.Дарбоби аввали зербоби якум иқтибосҳо кам ба назар мерасанд.

3. Хуб мешуд, ки муаллифи диссертатсия доираи базаи тадқиқотии худро васеътар менамуд.

Он эродҳое, ки оварда шудаанд, ҷузъӣ буда, ба арзиши диссертатсия таъсире надорад.

мегардад:

1.Дар диссертатсия ва автореферати он аз тарафи диссертант баъзан ба хатогиҳои услубӣ ва имловӣ роҳ дода шудааст;

2.Дар боби аввали зербоби якум иқтибосҳо кам ба назар мерасанд.

3. Хуб мешуд, ки муаллифи диссертатсия доираи базаи тадқиқотии худро васеътар менамуд.

Он эродҳое, ки оварда шудаанд, ҷузъӣ буда, ба арзиши диссертатсия таъсире надорад.

Диссертатсияи Тошхоҷаева Сурайё Акрамҷоновна дар мавзӯи «Методҳои такмили мазмуни таълими фанни технология дар асоси корбасти гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ», тибқи Банди 55-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсиони, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикиситон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02-Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (технология) (таълими меҳнат) (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Хулоса аз тарафи доктори илмҳои педагогӣ, профессор Латифзода Диловар Назришоҳ тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи педагогика ва низоми иттилоотӣ дар фарҳанг, Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ «тарафдор» - 10 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Қарор дар суратҷаласаи № 2 аз 10 октябри соли 2019 сабт гардидааст.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Латифзода Диловар Назришоҳ.

**Котиб:**
номзади илмҳои педагогӣ,
аъзои шӯрои диссертатсионӣ Мирахмедов Фарҳод Махсудович.

“Тасдиқ мекунам.”
Сардори шуъбаи кадрҳо Ҳомидова З.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға: Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 73а

телефон: (+992 37) 231-18-27
e-mail: tajartins@yandex.com